**Омори сайёҳӣ дар 9 моҳаи соли 2020**

Дар моҳҳои январ- сентябри соли 2020 шумораи шаҳрвандони хориҷие, ки ба Ҷумҳурии Тоҷикистон ташриф овардаанд, бо назардошти ҳама намудҳои мақсадҳои сафар (хизматӣ, истироҳатӣ ва ғайра) 355,5 ҳаз.нафарро[1] ташкил намуд, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 590,9 ҳазор нафар ё 62,4 фоиз кам шудааст.

Аз шумораи умумии шаҳрвандони хориҷие, ки ба Ҷумҳурии Тоҷикистон ташриф овардаанд, 317,2 ҳазор нафарашон ба ҳайси сайёҳ (тибқи методологияи Созмони Умумиҷаҳонии Сайёҳӣ) арзёбӣ мегарданд, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 63,2 фоиз кам шудааст.




Шумораи шаҳрвандони хориҷие, ки ба Ҷумҳурии Тоҷикистон аз давлатҳои ИДМ ворид шудаанд, 337,3 ҳазор нафар (94,9 фоиз аз шумораи умумӣ), аз он 302,9 ҳазор нафар ба ҳайси сайёҳ ва аз давлатҳои хориҷи дур 18,2 ҳазор нафар (мутаносибан 5,1 фоиз аз шумораи умумӣ), аз он 14,3 ҳазор нафар ба ҳайси сайёҳ мебошанд.




Дар ин давра шумораи шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки аз ҷумҳурӣ хуруҷ шудаанд, 710,2 ҳаз. нафарро ташкил намуд, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 931,0 ҳазор нафар ё 56,7 фоиз кам мебошад.

**Динамикаи шумораи шаҳрвандони хориҷие, ки ба Ҷумҳурии Тоҷикистон ташриф овардаанд ва шаҳрвандони Тоҷикистон, ки ба хориҷ сафар намудаанд**

(ҳаз.нафар)




**Динамикаи шаҳрвандони хориҷии вурудшуда, ҳаз. нафар**




[1] Ба шумораи умумии шаҳрвандони вурудшуда ва аз ҷумҳурӣ хуруҷшуда, як ашхос метавонад чанд маротиба ба қайд гирифта шуда бошад, бо назардошти он, ки дар ин давра аз як маротиба зиёд вуруд ё хуруҷ шудааст ва ин ҳолат ҳамчун мавриди алоҳида бақайд гирифта мешавад.

**Шумораи шаҳрвандоне, ки ба Ҷумҳурии Тоҷикистон аз мамлакатҳои хориҷи наздик ворид шудаанд, дар моҳҳои январ - сентябри соли** 2020



Миқдори зиёди шаҳрвандони хориҷии ба ҷумҳурии мо воридшуда, аз давлатҳои ҳамсояи зерин мебошанд: Ӯзбекистон – 237,9 ҳазор нафар (66,9 фоиз аз шумораи умумии воридшудагон), Русия – 47,1 ҳазор нафар (13,2 фоиз), Қирғизистон – 41,3 ҳазор нафар (11,6 фоиз), Қазоқистон – 7,4 ҳазор нафар (2,1 фоиз).

 Арманистон – 0,01 ҳазор нафар

 Беларус – 1,4 ҳазор нафар

 Молдова – 0,4 ҳазор нафар

 Озарбойҷон – 0,3 ҳазор нафар

 Қазоқистон – 7,4 ҳазор нафар

 Қирғизистон – 41,3 ҳазор нафар

 Украина – 0,8 ҳазор нафар

 Ӯзбекистон – 237,9 ҳазор нафар

 Русия – 47,1 ҳазор нафар

 Туркменистон – 0,7 ҳазор нафар

**Шумораи шаҳрвандоне, ки ба Ҷумҳурии Тоҷикистон аз мамлакатҳои хориҷи дур ворид шудаанд, дар моҳҳои январ - сентябри соли 2020**

Шумораи бештари воридшудагон аз давлатҳои зерини хориҷи дур мебошанд, ба мисоли Афғонистон – 4,5 ҳазор нафар (1,3 фоиз), Чин – 2,6 ҳазор нафар (0,7 фоиз), Туркия – 2,2 ҳазор нафар (0,6 фоиз), Эрон – 1,1 ҳазор нафар (0,3 фоиз), ИМА – 1,0 ҳазор нафар (0,3 фоиз), Ҳиндустон – 0,6 ҳазор нафар (0,2 фоиз), Олмон – 0,4 ҳазор нафар (0,1 фоиз), Покистон – 0,3 ҳазор нафар (0,1 фоиз).

## ФАЪОЛИЯТИ СУБЪЕКТҲОИ ХИЗМАТРАСОНӢ ДАР СОҲАИ САЙЁҲӢ

Тибқи маълумотҳои оморӣ дар моҳҳои январ - июни соли 2020-ум дар миқёси мамлакат 215 ширкатҳои сайёҳӣ ба қайд гирифта шудааст, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 55 ширкат ё 34,4 фоиз зиёд мебошад.

Дар моҳҳои январ - июни соли 2020 дар ҷумҳурӣ 188 меҳмонхона (бо назардошти шахсони воқеӣ), 5 меҳмонхонаи 5 ситорадор, 15 меҳмонхонаи 4 ситорадор, 23 меҳмонхонаи 3 ситорадор, 5 мехмонхонаи 2 ситорадор, 4 меҳмонхонаи 1 ситорадор ва 136 меҳмонхонаи бедараҷа фаъолият кардаанд.

Дар давраи ҳисобот 26 адад хостелҳо ва мотелҳо, 45 адад осоишгоҳҳо, 8 адад марказҳои мулоиҷавӣ ва дармонгоҳҳои солимгардонӣ, 10 адад хонаҳои истироҳатӣ, 1 адад пансионат, 1 адад кемпинг ва 4 адад базаҳои сайёҳӣ ва истироҳатӣ фаъолият намуданд.

Шумораи миёнаи кормандони субъектҳои хизматрасонӣ 3932 нафар ва даромад аз пешниҳоди хизматрасонӣ дар ин давра 87197,4 ҳазор сомониро ташкил додааст.